# Хушбахттарини мардум дар рӯзи қиёмат ба шафоати ман касе аст, ки аз самими қалб ва ҷон "Ло илоҳа иллаллоҳ" бигӯяд

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: ба Паёмбари Худо гуфтанд: эй Паёмбари Худо аз ҳама хушбахттар ба шафоати ту дар рӯзи қиёмат кист? Паёмбар (Саломӯ дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Эй Абуҳурайра аз сабаби аз ҳама бештар аҳамият доданат бар аҳодиси ман, гумон доштам касе пеш аз ту дар ин маврид намепурсад. Хушбахттарини мардум дар рӯзи қиёмат ба шафоати ман касе аст, ки аз самими қалб ва ҷон "Ло илоҳа иллаллоҳ" бигӯяд".

[صحيح] [رواه البخاري]

Паёмбар (Саломӯ дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) хабар додаанд, ки баҳрамандтарин мардум дар рӯзи қиёмат аз шафоати ӯ (Саломӯ дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) касе аст, ки аз самими қалб ва холисона "Ло илоҳа иллаллоҳ", яъне нест маъбуде барҳақ магар Аллоҳ, бигӯяд ва дар айни ҳол бадур ва пок аз ширк ва риё бошад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee